Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Қонунгузории муосири мадании Тоҷикистон, ки аз таҷрибаи ғанӣ ва тамаддуни башарӣ сарчашма мегирад ба анъанаҳо ва асосҳои ҳуқуқи маданӣ асос ёфта, танзимкунандаи асосии муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ ва дигар муносибатҳои дар шароити иқтисоди бозоргонӣ бавуҷудомада, табдил ёфтааст. Чунин сарчашмаҳо дар қонунгузории маданӣ, илми ҳуқуқӣ, амсоли судӣ ва одатҳоро дар бар мегиранд. Муҳаққиқ Анушервони Исрофил дар автореферати худ асосан одатҳое, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ истифода мешаванд, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

Таҳқиқоти Анушервони Исрофил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин буда, қабл аз ин доир ба одатҳои муомилоти маданӣ таҳқиқоти комил гузаронида нашудааст. Дар ҳақиқат тамоми муносибатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ахлоқ, одат, анъана, фарҳанг ва таърихи миллати тоҷик вобастагии ногусастанӣ дорад. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати аз нав равнақ ва зинда намудани муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқие, ки бо одатҳои ҳуқуқӣ танзим мегарданд, ба мақсад муовиқ мебошад. Чӣ тавре ки Анушервони Исрофил дар мубрамияти автореферат зикр намудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи одатҳо дар кишвар ягон парвандаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳал карда нашудаанд ва доир ба татбиқи одатҳои аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ ягон чораи дахлдор ё ягон қарори дахлдор қабул нагардидааст. Дар асоси гуфтаҳои боло мавзӯи интихобгардидаи муҳаққиқ мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз мазмуни автореферати мазкур бармеояд, ки дар таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф таърих ва мафҳуми одатҳо, таносуби он бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, таснифи он доир ба хусусиятҳои гуногун, ҳолатҳои истифода ва иҷозати татбиқи одат дар кишвар, инчунин, таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи одатҳо дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар қисмати хулосавӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида, мушоҳида намудан мумкин аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида ё пешниҳодҳо доир ба ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдор ба қонунгузорӣ зарурӣ ва ба талаботи замон муовифиқ мебошанд.

Бо вуҷуди паҳлуҳои мусбии таҳқиқоти мазкур чанде аз нуктаҳоро ҳамчун нуктаҳои муҳими баҳснок меҳисобем. Масалан, барои мо маълум нест, ки чаро муаллиф дар таҳқиқоти худ нуқтаи назари худро вобаста ба таърихи пайдоиши одатҳо дар муносибатҳои маданӣ аз нуқтаи назари

таърихӣ дар давлатдории тоҷикон иброз накардааст ва ё кам диққат додааст. Чунин масъалагузорӣ шудан дар мавзӯи мазкур бар он рабт дорад, ки аксари одатҳо ҳато дар замонҳои қадим ва таърихи пешини инсоният ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳо ва ё муомилоти маданӣ миёни табақаҳои гуногуни ҷомеаҳо буд.

Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки доираи муносибатҳои маданӣ танҳо ба муносибатҳои тиҷоратӣ ва ё соҳибкорию савдо маҳдуд намешавад. Лекин, муаллиф, дар таҳқиқоти худ истифодаи одатҳоро, танҳо аз ҳамин нуқтаи назар, ки қабалан дар боло зикраш рафт таҳқиқи намудаст. Масалан, моддаи 38 Статути Суди байналмилалӣ таъкид менамояд, ки одатҳои байналмилалӣ чун далели амалияи ягона, ки ба сифати меъёри ҳуқуқӣ эътироф гардидаанд, ба шумор мераванд. Одатҳои байналмилалӣ дар баҳрнавардӣ, дар расмиёти протоколи давлатӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзи вуҷуд доранд. Суоли матраҳ ин аст, ки чаро муаллиф одатҳоро дар баҳрнавардӣ, расмиёти протоколи давлатӣ ва дигар муносибатҳои берун аз ҳавзаи савдо таҳил нанамудааст?

Дар маҷмуъ эродҳои пешниҳодшуда баҳснокӣ ва мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқикро зиёд намуда, ба мазмун, моҳияти ва зебоии ҷавҳари таҳқиқоти гузаронидашуда таъсир намерасонад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти гузаронидашудаи Анушервони Исрофил ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Муқарриз:
Доктори ҳуқуқ (PhD), дотсенти
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Наботов С. Х.

Имзои Наботов С.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДТТ Пирзода С.С.

«_2_» __12__ 2023 с.

**Суроғаи муқарриз:**
734005 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Телефонҳо 234-47-22 факс 234-85-80
шаҳри Душанбе кӯчаи Деҳотӣ 1/2
E-mail: nabotov@inbox.ru